Фиқҳи мусаввари ибодот

Осонсозӣ ва омӯзиши аҳкоми Ислом

Покӣ | Намоз | Рӯза | Закот | Ҳаҷ



https://fiqh.com/tg/суннатҳои-фитрӣ

د. عبدالله بن سالم باهمام

Тарҷума

Муҳаммад Шукуров

Заҳро Нурова

Абдурраҳмон Янги

Суннатҳои фитрӣ

https://www.al-feqh.com/tg

6

Суннатҳои фитрӣ

https://www.al-feqh.com/tg/суннатҳои-фитрӣ

Матлабҳо

Муъаррифии суннатҳои фитрӣ:

1. Мисвок задан.
2. Мазмаза ва истиншоқ.
3. Истинҷо.
4. Кӯтоҳ кардани мӯйлаб.
5. Гузоштани риш.
6. Тарошидани мӯйи зери ноф.
7. Хатнаи мардон ва занон.
8. Кӯтоҳ кардани нохунҳо.
9. Кандани мӯйҳои зери бағал.
10. Шустани байни ангуштон.

Суннатҳои фитрӣ

Хислатҳое, ки Аллоҳи мутаъол дар фитрати инсон ниҳода ва ба василаи он, инсон ба камол мерасад, ки ба беҳтарин сифот ва зеботарин шакл хоҳад буд.

Аз Ойиша (р) ривоят аст, ки Расули акрам (с) фармуданд: «Даҳ чиз аз хислатҳои фитрист: Кӯтоҳ кардани муйлаб ва гузоштани риш, мисвок задан, об дар бинӣ кашидан, кӯтоҳ карданди нохунҳо, шустани байни ангӯштон, кандани мӯи зери бағал, тарошидани мӯи зери ноф, истинҷо ва мазмаза».(1).

1) Мисвок

Мисвок

Химча аз дарахти Арок, барои пок кардани дандонҳо аз маводи часпидашуда ба он ва ё дур кардани бақияи ғизо ва дур кардани бӯйи бади даҳон, истеъмол мешавад.

Мисвок задан дар ҳамаи вақтҳо суннат аст, ба далели фармудаи он ҳазрат (с): “Дар сивок задан покии даҳон ва ризояти Парвардигор аст”(2).

Вале истеъмоли мисвок дар мавзеъҳои зер мебошад:

1. Ҳангоми вузӯ ва намоз

Ба далели фармудаи он ҳазрат (с): “Агар бими машақат бар умматам набуд, амр мекардам, то дар вақти ҳар вузӯ мисвок бизананд”(3). Ва ба далели фармудаи он ҳазрат (с): “Агар бими машақат бар умматам набуд, амр мекардам, то дар вақти ҳар намоз мисвок бизананд”(4).

(1) Ба ривояти Муслим
(2) Ба ривояти Аҳмад.
(3) Ба ривояти Аҳмад.
(4) Ба иттифоқи Бухорӣ ва Муслим

https://www.al-feqh.com/tg

https://www.al-feqh.com/tg/суннатҳои-фитрӣ

2. Ҳангоми намоз

Ба далели фармудаи он ҳазрат (с): “Агар бими машақат бар умматам набуд, амр мекардам, то дар вақти ҳар намоз мисвок бизананд”[1].

3. Ҳангоми дохил шуда ба манзил

Миқдом аз падараш ривоят мекунад, ки фармуд: “Ба Ойиша (р) гуфтам: Набии акрам (с) ҳангоме, ки вориди хона мешуданд, ба чӣ кор оғоз мекарданд? Фармуд: Ба мисвок“[2].

4. Ҳангоми бедорӣ аз хоб

Аз Ҳузайфа (р) ривоят шуда, ки фармуд: “Набии акрам (с) шабонгоҳ, ки аз хоб мехестанд, даҳони худро мисвок мезаданд”[3].

5. Ҳангоми қироъати Қуръон

Аз Алӣ (р) ривоят шуда, ки ба мисвок задан амр карда фармуд: Набии акрам (с) фармуданд: “Ҳангоме, ки бандае мисвок зада ба намоз биистад, фариштагон дар пушти вай меистанд, то ба қироъати ӯ гуш диҳанд ва ба вай наздик мешаванд, то ин ки даҳони худро ба даҳонаш мегузоранд ва он чӣ аз Қуръон аз даҳонаш хориҷ мешавад, дар ҷавфи фариштагон қарор мегирад, пас даҳонатонро барои Қуръони пок кунед”[4].

(1) Ба иттифоқи Бухорӣ ва Муслим
(2) Ба иттифоқи Муслим
(3) Бар ривояти Бухорӣ.
(4) Ба ривояти Баззор.

Фоидаҳои мисвок

Аз фоидиҳои мисвок: Дар дунё покии даҳон аст ва дар охират сабаби ризои Парвардигор ва низ боиси тақвияти дандонҳо мешавад ва (бираҳо) комҳоро низ тақвият мебахшад ва садоро соф ва инсонро нишот мебахшад.

2) Мазмаза ва истиншоқ

Мазмаза

Об дар даҳон кардан ва ҳаракат додон.

Истиншоқ

Бо нафас кашидан об дар бинӣ кашидан.

Истиншоқ

Мазмаза

https://www.al-feqh.com/tg

3) Истинҷо

Истинҷо

Зоил кардани осори он чӣ аз пасу пеши инсон хориҷ шуда ба воситаи оби пок.

4) Кӯтоҳ кардани мӯйлаб

Мурод аз он бисёр кӯтоҳ кардан аст, зеро ки дар он зинат, покизагӣ ва мухолифат бо куффор аст.

5) Риш гузоштан

Яъне ришро ба ҳолаш гузоштан ва кӯтоҳ накардан.



Тарошидани риш ҳаром аст, зеро барои гузоштанаш амр шудааст, Набии акрам (с) фармуданд: “Мӯйлабҳоро кӯтоҳ кунед ва ришро бигзоред ва бо Маҷӯс мухолифат кунед”[1].

(1) Ба ривояти Муслим.

6) Истеҳдод

Истеҳдод

Тарошидани мӯйи атрофи олати таносӯлӣ.

Фоидаҳои истеҳдод

Аз нигоҳи илм собит шуда, ки истеҳдод сиҳату саломатӣ ва қуввати бадан муҳофизат мекунад, зеро афзоиши мӯй дар ин мавзеъ сабаби илтиҳоботи ҷил мешавад, ки бадани аз он зарар мебинад.

7) Хаттон ва хаффоз

Хатна кардани олати таносулии мард

Буридани пӯсти изофие, ки сари олати таносулии мардро мепӯшонад.

Хатнаи занон

Буридани гӯшти изофии занон, ки дар болои мавзеъи идхоли олати таносулли мардон мебошад.

Хаттон барои мардон ва хаффоз барои занон аст, ба далели фармудаи он ҳазрат (с) барои Умми Атия: «Андаке бибур, ба куллӣ нобудаш макун, зеро чехраро дурахшиш медиҳад ва барои шавҳараш лаззатбахш аст»[1].

Хатна кардан барои мардон вочиб аст ва барои занон суннат мебошад.

Ҳикмати хатнаи мардон: Покии олати таносӯлӣ аз начосатест, ки дар пӯсти изофии сари олати таносулӣ мавҷуд мебошад. Аммо барои занон: Дурахшиши чехра аст.

(1) Ба ривояти Ҳоким

https://www.al-feqh.com/tg/суннатҳои-фитрӣ

https://www.al-feqh.com/tg

8) Кӯтоҳ кардани нохунҳо

Яъне кӯтоҳ кардани онҳо, то аз дароз шуданаш ҷилавгирӣ кунад.

Гирифтани нохунҳо

9) Кандани мӯйи зери бағал

Дур кардани мӯйи зери бағал, ба хотири назофат ва покизагӣ ва аз байн бурдани бадбӯйе, ки бо мавҷудияти мӯй, падид меояд.

Кандани мӯйи зери бағал

10) Шустани мафосили ангӯштон

Бароҷам

Мафосили ангӯштони даст.

Бархе аз уламо, чиркҳои гушу гардан ва соири аҷзои баданро низ ба он пайваст

Мафосили панҷаҳои пушти даст

Чиҳил рӯз

Нохунҳо, мӯйи зери бағал ва зери нофро ва ё кӯтоҳ накардани мӯйлаб, ба муддати бештар аз чиҳил рӯз карохият дорад. Аз Анас бин Молик (р) ривоят шуда, ки фармуд: «Расули Аллоҳ (с) барои мо дар гирифтани мӯйлаб, кӯтоҳ кардани нохунҳо, тарошидани мӯи зери ноф ва зери бағал, муддате таъйин кардаанд, ин ки набояд аз чиҳил рӯз бештар таҷовуз кунад»[1].

(1) Ба ривояти Муслим.

https://www.al-feqh.com/tg/суннатҳои-фитрӣ